ҚАРОРИ №29
ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-078 дар назди
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 26 августи соли 2025

ш. Хуҷанд
Иштирок доранд:
аз 16 нафар аъзои
Шӯро 16 нафар

**Раиси Шӯро:** д.и.пс., дотсент Бобоева Сайёра Бобораҷабовна

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 5-уми августи соли 2024-ум, таҳти №265/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар узви Шӯро иштирок доранд (аз ҷумла 4 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 16 нафар ҳозирбудагон 2 нафар доктори илмҳои психологӣ, 2 нафар доктори илмҳои педагогӣ, 1 нафар номзади илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – Психологияи педагогӣ мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМА**

1. Қабул намудани диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ) (роҳбари илмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Раҷабзода Насим Мирзохудой) ба ташхис ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои психологӣ, дотсент Бобоева С.Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Фаризаи Файзизода ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Ҳ.А. Зайтметов маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Фаризаи Файзизода – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсия ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидаст, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул кардани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ) (роҳбари илмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Раҷабзода Насим Мирзохудоӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Саидов А.И.** – доктори илмҳои психологӣ, профессор, узви Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- **Шаропов Ш.А.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- **Мансурова А.Р.** – номзади илмҳои психологӣ, дотсент, узви Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;

3. Комиссияи ташхиси назди Шӯро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод намояд.

**Қарор карда шуд: тарафдор** – 16 нафар, **зид** – нест, **бетараф**-нест

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои психологӣ, дотсент — Бобоева С.Б.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои психологӣ, дотсент — Зайтметов Ҳ.А.